«Тасдиқ мекунам»
Директори Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдулло Рӯдакии АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон, академик Салимӣ Н.Ю.
«20» сентябри 2019

Хулосаи
Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдулло Рӯдакии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон

Диссертатсияи Бухориев Олим Салимович – «Вижагиҳои жарни дубайтӣ дар адабиёти навиштторӣ ва гуфторӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.08 – Назарияи адабиёт, Матншиносӣ дар шуъбаи фолклори Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдулло Рӯдакии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба анҷом расидааст.

Дар давраи омода кардани диссертатсия унвонҷӯ Бухориев Олим Салимович дар вазифаи котиби масъули маҷаллаи илмии “Суханшиносӣ”-и Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдулло Рӯдакии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон кор кардааст. Ӯ хатмкунандаи соли 1989-и Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад.

Шаҳотаднома оид ба супоридани имтиҳонҳои минимуми номзадӣ дар санаи 28-уми майи соли 2019 аз ҷониби Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шудааст.

**Роҳбари илмӣ** – Раҳмонов Равшан Каҳҳорович, доктори илмҳои филология, профессори кафедраи адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад.

Мавзӯи диссертатсия дар ҷаласаи Шӯрои илмии Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдулло Рӯдакии Академияи илмҳои Ҷумҳурии

Тоҷикистон  дар санаи 20-уми июни соли 2017 дар суратмаҷлиси № 7 тасдиқ гардидааст.

Аз муҳокимаи диссертатсия чунин натиҷагирӣ карда шуд:

Дар диссертатсия хусусиятҳои навъи дубайтӣ, тафовутҳояш аз рубоӣ, шарҳи вижагиҳои он дар фолклору адабиёти форсии тоҷикӣ ба таври густурда нишон дода шудааст. Инчунин масъалаи дар адабиёти муосири тоҷик мавқеи устувор пайдо намудани дубайтӣ баррасӣ гардида, паҳлуҳои номакшуфи мавзӯи мазкур мавриди таҳқиқи муфасал қарор мегиранд. Муайян шудааст, ки ин навъи ашъор дар таҳкиму густариши забону адабиёти форсии тоҷикӣ таъсири назаррасе дошта, дар байни табақаҳои мухталифи ҷомеа ҳамчун воситаи муҳимми ибрози эҳсосу отифа ва тарғиби ақидаҳои ахлоқӣ ба кор мерафтаанд. Таҳқиқу баррасии густарда ва гуногунҷанбаи навъи дубайтӣ масъалаи муҳимми адабӣ ба шумор рафта, барои мушаххас намудани баъзе вижагиҳои бадеии ин навъи ашъор дар эҷодиёти шоирони алоҳида ва осори мардумӣ, ҳамзамон таъсири мутақобилаи онҳо дар адабиёти китобӣ ва фолклор мусоидат менамояд.

Дар диссертатсия чунин вазифаҳо баррасӣ шудааст:

- муайян кардани марҳилаҳои таърихии инкишофи навъи дубайтӣ;
- пайдоиш, ташаккул ва таҳаввули дубайтӣ;
- баррасии вижагии мавзӯъҳои дубайтӣ;
- таҳлилу тавзеҳи мавзӯи ишқ, ғарибӣ, муҳаббат ба ватан;
- таҳқиқи вижагиҳои сохтори навъи  дубайтӣ;
- вазн, қофия, радиф;
- таҳлилу тавзеҳи забон ва сабки дубайтӣ ва истифодаи санъатҳои бадеӣ дар он.

Сарчашмаи диссертатсияро осори адибони ҷудогонаи адабиёти форсии тоҷикӣ, адабиёти муосир ва матнҳои адабиёти мардумӣ (фолклор) ташкил медиҳад. Дар рисола маводи “Фонди фолклор”-и Иститути забон ва адабиёти ба номи Абӯабдулло Рӯдакии Академияи

илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, маҷмӯаҳои илмии дар робита ба ин мавзӯъ нашршуда: “Баёзи фолклори тоҷик”, “Байту рубоиёти кӯҳистони Зарафшон”, “Намунаи фолклори диёри Рӯдакӣ”, “Намунаи фолклори Афғонистон”, “Намунаҳои фолклори Дарвоз”, “Намунаҳои фолклори Эрон”, “Таронаҳои Самарқанд», “Фарҳанги мардуми диёри Турсунзода”, “Фолклори Роғун”, “Фолклори даризабонони Афғонистон”, “Фолклори Кӯлоб”, “Фолклори Норак”, “Фолклори сокинони саргаҳи Зарафшон”, “Фолклори тоҷикони водии Қашқадарё”, “Фолклори Ӯротеппа”, “Фолклори водии Қаротегин”, «Насри гуфтории тоҷикони Бухоро» ва осори шоирон: Бобо Тоҳири Урён, Бобо Афзал, Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ, Абулқосим Лоҳутӣ, Лоиқ Шералӣ, Аскар Ҳаким ва дигарон ҳамчун санади арзишманд истифода шудаанд.

**Навии таҳқиқ,** пеш аз ҳама, дар он зоҳир мешавад, ки дар ин рисола роҷеъ ба пайдоиш, ташаккул, таҳаввул ва дигар вижагиҳои навъи дубайтӣ дар адабиёти навиштории ва гуфторӣ ба таври густурда баҳсу баррасӣ сурат гирифтааст. Дигар ин ки дар ин диссертатсия мавзӯи таҳқиқи вижагиҳои навъи дубайтӣ дар адабиёти гуфторӣ (фолклор)-и тоҷик, ки то имрӯз ба таври пароканда ҷараён дошт ва роҷеъ ба он таҳқиқи муфассал ва алоҳидае сурат нагирифта буд, васеътар таҳқиқ гардид. Ҳамчунин, навоварии дигар он аст, ки дар диссертатсия оид ба навъи дубайтӣ тамоми маводи дастрас гирдоварӣ шуда, бо равиши танқидӣ, муқоисавӣ ва баҳсу мунозира баррасӣ гардидааст.

**Натиҷаҳои тадқиқот** дорои аҳаммияти амалӣ мебошад, ки маводи онро метавон ҳангоми навиштани рисолаҳои илмӣ оид ба таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ, фолклор, масъалаҳои назарии осори манзум, таълифи китобҳои дарсии адабиёт ва фолклор мавриди истифода қарор дод. Ҳамчунин аз маводи рисолаи мазкур метавон дар раванди дарсҳои назарияи адабиёт, адабиётшиносӣ, фолклоршиносӣ мардумшиносӣ, забоншиносӣ ва дарсҳои амалӣ истифода кард. Дигар ин ки бахшҳои алоҳидаи ин таҳқиқро ҳангоми тадриси дарсҳои амалӣ, тарҷумаи бадеӣ, матншиносӣ ва дигар фанҳои филологӣ метавон истифода бурд.

**Методология ва методи таҳқиқи** рисола вобаста ба вижагиҳои муҳтавои мавзӯи мавриди омӯзиш интихоб шудааст. Бештар аз равишҳои умумии таҳқиқи филологӣ: таърихӣ-адабӣ, тавсифӣ-таърифӣ (дефинитивӣ), истидлолӣ (аргументативӣ), татбиқӣ-муқоисавӣ (компаративӣ), сохторшиносӣ ва оморӣ (статистикӣ) истифода мегардад. Дар ҷараёни таҳқиқ асарҳои илмиву ақидаҳои назарии назарияпардозон ва муҳаққиқони шинохтаи адабиёт: Д.С.Лихачев, А.Я.Гуревич, М.М.Бахтин, А.С. Бушмин, Н.И. Конрад, В.М.Жирмунский, Б.В.Томашевский, М.Б.Храпченко, П.А.Гринцер, Е.Э.Бертелс, А.Мирзоев, А.Н.Болдирев, Р.Ҳодизода, Абдулҳусайни Зарринкӯб, Шафеъии Кадканӣ, Р.Амонов, А.Сатторзода, Х.Шарифов, Р.Раҳмонов ва дигарон ҳамчун дастурамал мусоидат намуданд.

**Аҳаммияти назарии** диссертатсия аз он иборат аст, ки навъи дубайтӣ қадимитарин унсури адабии адабиёти форсии тоҷикӣ буда, зарфияти зеҳнӣ ва маҳорати адабии мардуми моро аз даврони бостон то замони муосир дар худ ҷой додааст. Таҳлилу баррасии марҳилаҳои инкишофи навъи дубайтӣ ва дигар хусусиятҳои адабии он то андозае барои шинохти робитаҳои адабии осори бостонӣ, адабиёти форсии тоҷикӣ ва муосир, ҳамчунин бобати назарияпардозӣ дар заминаи масъалаҳои марбут ба назм, вазну қофия, мавзӯи осор ва дигар вижагиҳои баён мусоидат мекунад.

**Автореферат ва мақолаҳои** ба табъ расидаи муаллиф мазмуну муҳтавои диссертатсияро ифода менамоянд.

Дар асоси баррасии диссертатсия қарори зерин қабул карда шуд:

Диссертатсияи унвонҷӯ Бухориев Олим Салимович – «Вижагиҳои жанри дубайтӣ дар адабиёти навишторӣ ва гуфторӣ» кори анҷомёфтаи илмӣ ҳисобида шуда, барои ҳимоя ва дарёфти номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.08 – Назарияи адабиёт, Матншиносӣ дар Шӯрои ҳимояи назди Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдулло Рӯдакии АИ ҶТ қабул карда шавад.

Диссертатсия дар маҷлиси васеи шуъбаҳои таърихи адабиёт, фолклор ва адабиёти муосир ба ҳимоя пешниҳод шудааст.

Дар ҷаласа иштирок карданд 16 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» − 16 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест, қарори № 6, 27 июни соли 2019.

Раиси ҷаласаи васеъ:
доктори илми филология,
профессор, мудири шуъбаи
таърихи адабиёт Сатторов А.

Котиби илмӣ,
номзади илмҳои филология Маликова А.

«20» 08 соли 2018

«Имзои Сатторов Абдунабиро тасдиқ мекунам».
Нозири калони кадри Институти забон ва адабиёти ба номи
Абӯабдулло Рӯдакии АИ ҶТ Муродова С.